*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 133 (4716) | ЧОРШАНБЕ, 8 НОЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## САФАРИ РАСМИИ САЙИД ИБРОҲИМИ РАИСӢ БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳаштуми ноябри соли 2023 Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳими Раисӣ бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оварданд.**

Маросими истиқболи расмии Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон дар майдони Маҷмааи давлатии «Қасри миллат», ки ба хотири пазироии меҳмон идона оро ёфта буд, баргузор гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Ҷумҳурии Исломии Эронро самимона истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи фахрӣ даъват намуданд.

Маросими истиқбол бо гузориши командири қаровули фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ҳар ду кишвар, гузаштани сарони давлатҳо аз назди сафи қаровули фахрӣ, арзи эҳтироми меҳмони олимақом ба Парчами давлатии Тоҷикистон, шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ҳар ду ҷониб ҷараён гирифта, бо қадамзании мутантан гузаштани ҷузъу томҳои қаровули фахрӣ аз назди сарони ҳар ду давлат анҷом ёфт.

**(Идомаи гузориш аз ҷараёни сафари расмии Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳими Раисӣ дар шумораиояндаи рӯзнома нашр мешавад).**

## ИФТИТОҲИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ СЕМЕНТ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Ҳафтуми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ Корхонаи истеҳсоли сементи Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент»-ро мавриди истифода қарор доданд.**



Корхона дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар майдони 35 гектар ҷойгир буда, дар он иншооти истеҳсолӣ ва дигар инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла бинои маъмурӣ, маркази идоракунӣ ва ташхисгоҳ, анборҳо, ошхона ва ду истгоҳи таъмири техникӣ, сохта шудааст.

Ёдовар мешавем, ки 17-уми сентябри соли 2019 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои бунёди боз як корхонаи азими саноатӣ санги асос гузошта буданд.

Иқтидори истеҳсолии Корхонаи истеҳсоли сементи Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» дар як шабонарӯз 3 ҳазору 300 ва дар як сол 1,2 млн. тоннаро ташкил медиҳад. Дар рафти корҳои сохтмонӣ то 1200 нафар мутахассису корманд ба кор ҷалб гардидаанд. Дар корхона дар маҷмӯъ беш аз 700 нафар мутахассисони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин шуда, маоши миёнаи коргарон 5100 сомонӣ ва мутахассисони техникию муҳандисӣ 7500 сомонӣ аст. Шумораи воситаҳои нақлиёти боркаш ва механизмҳои махсуси корхона зиёда аз 135 ададро ташкил медиҳад. Маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхона ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, сементи маркаҳои сулфат - 500 ва 400 истеҳсол карда мешаванд.

Дар Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» истеҳсоли сементи сулфат ба роҳ монда шудааст, ки барои ҷумҳурӣ маҳсулоти стратегӣ ба ҳисоб рафта, дар бунёди иншооти ҳаётан муҳим ва махсус, аз қабили неругоҳу нақбҳо, роҳу пулҳо ва дигар сохтмонҳо, истифода карда мешавад.

Корхона аз лиҳози экологӣ безарар буда, ба ҳавои атмосфера чанг ё дигар дуди ғализ хориҷ намекунад ва дорои зиёда аз 50 ҳавотозакунак ё (филтр) буда, онҳо чанги сементро нигоҳ медоранд, ки дар коркарди дубораи маҳсулот истифода мешавад.

Хок, оҳаксанг, магнетит, сафедхок, қуми квартсит, гаҷсанг ва ангиштсанг, дар маҷмӯъ ашёи хом барои истеҳсоли семент, дар ин корхона аз ҳисоби захираҳои табиии ватанӣ, аз ҷумла конҳои дараи Харангон, дастрас карда мешавад.

Дар Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» бинои сеошёнаи ташхисгоҳ бо беш аз 100 адад таҷҳизоти замонавӣ фаъолият мекунад.

Коргарони ташхисгоҳ бо истифода аз дастгоҳҳои муосир ва таҷрибаи андӯхтаашон маҳсулоти корхонаро пурра аз ташхис мегузаронанд.

Корҳои сохтмонӣ, харид ва ба ҷумҳурӣ ворид намудани техника, дастгоҳу таҷҳизот ва дигар маҳсулоту лавозимот аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» роҳандозӣ шуда, корҳои лоиҳакашӣ, таъмин ва насби таҷҳизот аз ҷониби пудратчии асосӣ - ширкати Ҷиянсу Пенфей КО ЛТД ва ширкати Линсени Ҷумҳурии Мардумии Чин роҳандозӣ шудааст.

Бунёди боз як корхонаи нави саноатӣ дар шаҳри Душанбе барои амалӣ намудани ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ заминаи устувор хоҳад гузошт. Бояд гуфт, ки баъди ба кор даромадани Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» фаъолияти корхонаи сементбарории «Душанбе», ки аз соли 1942 солҳои зиёд кор кардаю фарсуда шудааст ва ба муҳити зисти шаҳр ва экология таъсир мерасонад, то охири сол манъ карда мешавад.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳои сементбарорӣ 15 ададро ташкил медиҳад, аз ҷумла дар вилояти Хатлон 5 корхона, вилояти Суғд - 6, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 3 ва дар шаҳри Душанбе 1 корхона фаъолият мекунад. Дар ҷумҳурӣ то соли 2014 ҳамагӣ 300,0 ҳазор тонна семент истеҳсол мегардид.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти семент дар моҳҳои январ - сентябри соли 2023-юм 3,3 млн. тонна бо арзиши 1,4 млрд. сомониро ташкил дод. Дар ҳамин давра ҳаҷми содирот ба 781,6 ҳазор тонна ва ҳаҷми воридоти семент ба 25,3 ҳазор тонна баробар гардид. Иқтидори корхонаҳои сементбарории ҷумҳурӣ дар умум 5,5 млн. тоннаро ташкил медиҳад. Ҳамасола зиёда аз 4,3 млн. тонна семент истеҳсол гардида, дар баробари ин ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ содирот мегардад.

Аз рӯи маълумоти оморӣ талаботи ҷумҳурӣ ба семент дар як сол 3,0 млн. тоннаро ташкил дода, ҳаҷми содиротӣ 33,0 фоизи сементи истеҳсолшударо ташкил медиҳад.

Баъди ифтитоҳ ва шиносоӣ бо шароиту иқтидори истеҳсолии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Тоҷиксемент» Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ мондани истеҳсоли сементи баландсифат ва дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазирро муҳим шуморида, дар ин самт ба масъулон дастуру ҳидоятҳои мушаххас доданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз маҳали ҷойгиршавии иншооти муҳими саноатӣ дар ҳамон ҷо ба роҳбарияти корхона супориш доданд, ки ба хотири таъмини тозагии экологӣ, озода нигоҳ доштани муҳити атроф, ҳифзи табиат ва ободонию кабудизоркунӣ дар атроф ва ҳудуди корхона 250 ҳазор дарахти ороишию ҳамешасабз шинонанд.

**www.prezident.tj**

## КОНСТИТУТСИЯ МАҲСУЛИ АНДЕШАИ БУНЁДИИ МИЛЛИИ ХАЛҚИ ТОҶИКИСТОН БУДА, ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ НАҚШИ ҲАЛКУНАНДА МЕБОЗАД

### Паёми табрикотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**шаҳри Душанбе, 6-уми ноябри соли 2023**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Ҳанӯз бисту нуҳ сол муқаддам аз ҷониби мардуми шарафманди кишвар бо дарки масъулияти бузурги таърихӣ ва тавассути раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи давлати навини тоҷикон қабул гардид. Ин дастоварди, воқеан, таърихӣ барои эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ, таъмин гардидани суботи конститутсионӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ заминаи мустаҳкам гузошт. Гузашта аз ин, қабули Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз дар инкишофи давлатдории навини Тоҷикистон марҳалаи нави таърихиро оғоз бахшида, боиси дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи мо гардид. Маҳз, ба шарофати Конститутсия рукнҳои давлатдорӣ, низоми ҳуқуқии мамлакат, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ пойдор гардида, давлати мо ба роҳи рушди устувор қадамҳои боэътимод гузошт.

Аз ҷониби мардум дар вазъияти ниҳоят мураккаби сиёсӣ якдилона қабул гардидани ин ҳуҷҷати тақдирсоз, пеш аз ҳама, гувоҳи аз ҷониби халқи Тоҷикистон дастгирӣ ёфтани сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлат буда, ба ҷаҳониён ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстӣ ва анъанаҳои созандаю бунёдкорона доштани мардуми кишварро собит сохт.

Дар Конститутсия манфиатҳои миллӣ, арзишу анъанаҳои таърихан ташаккулёфтаи фарҳангии халқи тамаддунсози тоҷик, мароми мақсади наслҳои гузашта, имрӯза ва ояндаи халқ ифодаи озоди худро пайдо намуданд. Тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат кафолат дода шуд.

Тоҷикистон тибқи Конститутсияи худ ба ҷомеаи ҷаҳон эълон намуд, ки сиёсати сулҳҷӯёнаро пайгирӣ намуда, истиқлолу соҳибихтиёрии давлатҳои дигарро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муайян карда, рушди ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, гуногунандешии сиёсию мафкуравӣ ва иштироки фаъоли шаҳрвандонро дар идораи давлат кафолат медиҳад.

Ин ҳуҷҷати бунёдӣ барои ба ҷомеаи ҷаҳон наздик шудани кишвар замина гузошта, дар як муддати кӯтоҳ давлати мо ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуд ва имрӯз ташаббусҳои Тоҷикистон дар масъалаҳои об, муҳити зист ва дигар мушкилоти глобалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ дастгирию ҳамовозӣ пайдо карда истодаанд.

Дар асоси ислоҳоти конститутсионие, ки бо изҳори иродаи якдилонаи кулли мардум тавассути раъйпурсии умумихалқӣ давра ба давра гузаронида шуд, парламентаризми миллӣ рушд карда, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эълон гардид, асосҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ҳамчун самтҳои калидии рушди давлат такмил ёфта, қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ боз ҳам устувор гардид.

Тибқи меъёрҳои Конститутсия як қатор санадҳои ҳуқуқии муҳим, ки ба танзими соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат, инчунин, муқовимат ба таҳдиду хатарҳои муосир, ба мисли терроризм, экстремизм ва дигар падидаҳои номатлуб равона шудаанд, қабул ва амалӣ гардида истодаанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Конститутсия маҳсули андешаи бунёдии миллии халқи Тоҷикистон мебошад, зеро маҳз бо иродаи мардуми кишвар дар вазъияти барои давлату ҷомеа ниҳоят мураккабу ҳассоси таърихӣ якдилона қабул гардида, дар побарҷоии давлат ва низоми идоракунии он нақши ҳалкунанда бозид.

Бо гузашти солҳо мо аҳамияти бузурги сиёсию ҳуқуқии ин ҳуҷҷати бунёдиро бештар дарк ва қадр мекунем, зеро имрӯз мо ба хубӣ медонем, ки маҳз дар заминаи он Тоҷикистони демократӣ рушд карда, дар арсаи байналмилалӣ соҳиби мавқеъ ва ҷойгоҳи шоистаи худ гардидааст.

Бо назардошти вазъи ниҳоят ҳассосу мураккаби ҷаҳон, рӯз ба рӯз вусъат гирифтани миқёси таҳдиду хатарҳои нави глобалӣ, осебпазир гардидани истиқлолу озодӣ ва суботу оромии кишварҳои гуногуни дунё ҳар як фарди кишварро зарур аст, ки бо эҳтиром гузоштан ба Конститутсия ва қонунҳо, ки таъминкунандаи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ҳифзи соҳибихтиёрии давлат ва ваҳдати миллӣ мебошанд, риоя ва иҷрои бечунучарои талаботу меъёрҳои онҳоро таъмин намоянд. Вобаста ба ин, дар моддаи 10-уми Конститутсия сабт шудааст: «Давлат ва ҳама мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд».

Бори дигар хотиррасон менамоям, ки Конститутсия ба сифати бахтномаи миллат аз ҷумлаи муқаддасоти миллӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки омӯхтану эҳтироми онро ба фарзандони худ, яъне наслҳоиояндасоз, аз хурдсолӣ талқин намоем.

Миллати тоҷик ба шарофати афкору андешаи солиму созанда, хештаншиносию худогоҳӣ, ватандӯстию ватанпарастӣ ва иттиҳоду сарҷамъӣ ҳувияту ҳастии худро ҳифз карда, аз ҷониби ҷомеаи башарӣ ҳамчун халқи фарҳангию тамаддунсоз ва сулҳпарвару озодихоҳ шинохта шудааст.

Имрӯз мо бояд ин анъанаҳои неки гузаштагонро идома дода, ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ, омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунарҳои замонавӣ, риояи қонунияту тартибот ва эҳтироми волоияти қонун тарбия намоем.

Бори дигар мардуми сарбаланди кишварро ба ифтихори солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистони озоду демократӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар як фарди Ватан тандурустию иқболи нек ва ба Ватани маҳбубамон суботи ҷовидонаю пешрафти рӯзафзун орзу менамоям.

**Саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони гиромӣ!**



## ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР РОҲИ БУНЁД ВА РУШДИ ДАВЛАТИ НАВИНИ ТОҶИКОН НАҚШИ МУҲИМ ДОРАД

### Паёми табрикотии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустам Эмомалӣ ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**6-уми ноябри соли 2023**

**Ҳамдиёрони азиз!**

**Сокинони шарафманди пойтахт!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Мардуми шарифи мо ҳар сол санаи қабул гардидани ин санади муҳими сарнавиштсозро бо ифтихору сарфарозӣ таҷлил менамоянд, зеро қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои ниҳоят арзишманди даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба ҳисоб меравад ва он дар роҳи бунёд ва рушди давлати навини тоҷикон нақши муҳим дорад.

Ба кулли сокинони кишвар ва пойтахти азизамон ҷашни муқаддасу таърихӣ - Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак бод!

**www.majmilli.tj**



# БОЗДИДИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН АЗ БОҒИ МИЛЛӢ

**Субҳи рӯзи 5-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо нашъунамои дарахтони сояафкану ороишӣ дар Боғи миллӣ шинос шуданд.**



Ҳадафи боздиди Сарвари давлат аз Боғи миллӣ шиносоӣ бо парвариши дарахтони ороишӣ, ки барои рушди корҳои ободонию кабудизоркунӣ ва беҳтар кардани ҳифзи муҳити зист нигаронида шудааст, мебошад.

Зимни суҳбат бо боғдорон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба онҳо барои дуруст ба роҳ мондани парвариши ниҳолҳо маслиҳатҳои муфид доданд.

Дар Боғи миллӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вазъи нашъунамои дарахтони сояафкану ороишӣ шинос шуданд. Ниҳолҳои парваришёфта барои ободонию зебоии кӯчаю хиёбон ва боғу гулгаштҳои шаҳри Душанбе истифода мегардад.

Дарахтони Боғи миллӣ барои гузаронидани корҳои илмӣ, тадқиқотӣ, таҷрибавӣ ва барои мутобиқгардонӣ ба иқлим шинонида шудааст. Инчунин, дар ҳама гармхонаҳо навниҳол ва гулҳои мавсимию бисёрсола парвариш карда мешавад.

Баъди шиносоӣ бо нашъунамои дарахтон дар ҳамон ҷо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз намоишгоҳи навъу намудҳои гуногуни дарахтони сояафкану мевадиҳанда ва ороишӣ, ки аз ҷониби ҶДММ «Пайванд» ва Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардида буд, дидан намуданд.

Аксари дарахтони зебою нодири ороишию сояафкан ва гулу гулбуттаҳо аз гӯшаҳои гуногуни дохил ва хориҷи мамлакат дар намоишгоҳ ба маъраз гузошта шуда буд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар назди Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон панҷ корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии ниҳолпарварӣ фаъолият дошта, майдони парвариши ниҳол 100 гектарро ташкил медиҳад.

Айни замон дар ин ниҳолхонаҳо парвариши 45 намуди дарахту буттаи мевадиҳанда, ороишӣ ва сояафкан ба миқдори умумии 3 миллион бех ба роҳ монда шудааст. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин шумораро нокифоя дониста, супориш доданд, ки роҳбарон ва масъулини вазорату идораҳои дахлдор ва боғҳо садҳо миллион дарахтонро омода ва барои ҳифзи табиат, кабудизоркунӣ, ободонӣ, зебоӣ ва беҳтар кардани муҳити зист равона созанд.

Мавриди зикр аст, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2022 таҳти №149 «Барномаи рушди соҳаи ҷангал барои солҳои 2022-2026» қабул гардидааст. Бо мақсади иҷрои нақшаи чорабиниҳои барномаи мазкур дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар майдони 2542 гектар корҳои бунёду барқароркунии ҷангал ва плантатсия дар ҳудуди заминҳои фонди давлатии ҷангал гузаронида шуда, корҳо дар ин самт дар мавсими ниҳолшинонии тирамоҳи соли 2023 идома меёбанд.

Баъди шиносоӣ бо парвариши дарахтон ва боздид аз намоишгоҳ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои суҳбат бо боғдорон дар бораи тадбирҳои созандаи Ҳукумати ҷумҳурӣ, татбиқи барномаи давлатии рушди соҳаи боғу токпарварӣ, бунёди боғҳои наву таҷдиди боғҳои куҳна, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, афзоиши содироти мева ба хориҷи кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ андешаронӣ карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба тезонидани корҳои ободонию бунёдкорӣ, истиқболи сазовори ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилу баргузории маъракаҳои ниҳолшинонӣ, тозаю озода нигоҳ доштани муҳити атроф ба масъулин дастуру ҳидоятҳо дода, онҳоро ба вусъати тадбирҳои созанда ҳидоят намуданд.

**www.prezident.tj**

# ФОРУМИ МИНТАҚАВИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ



**7-уми ноябри соли 2023 узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Муҳамадулло Шерализода ва муовини раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулқодир Мавлодод дар Форуми минтақавии «Осиёи Марказӣ оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим дар роҳ ба сӯи Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим - 5 кишвар - 1 минтақа - 1 овоз», ки дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар кори форум роҳбарони сохторҳои давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим, намояндагони сохторҳои давлатӣ ва парлумонҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, фаъолони ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, академӣ, илмӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ иштирок намуданд.

Ҳадаф аз баргузории форуми мазкур фаъолсозии ҳамкориҳои минтақавӣ оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ, ҳамоҳангсозии мавқеи давлатҳои Осиёи Марказӣ оид ба масъалаҳое, ки дар форум баррасӣ шудаанд, баланд бардоштани самаранокии иштироки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар кори он арзёбӣ гардид.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти**
**Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Муҳокимаи парламентӣ

# ДАСТОВАРДҲО НАЗАРРАСАНД, АММО КАМБУДИҲО БОЯД БАРТАРАФ ШАВАНД

**Дуюми ноябри соли 2023 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» дар 9 моҳи соли 2023» муҳокимаи парламентӣ баргузор гардид.**



Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар



бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023»-ро дар 9 моҳи соли 2023 мавриди таҳлил қарор дода, аз ҷумла, изҳор дошт, ки вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати идоракунии самараноки молияи давлатӣ ва иҷрои сифатноки буҷети давлатӣ корҳои муайянро ба анҷом расониданд. Тибқи маълумоти пешакии оморӣ, ҳаҷми номиналии Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ дар моҳҳои январ - сентябри соли ҷорӣ ба 89,9 млрд. сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,3 фоиз баробар гардидааст. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъмин гардида, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба нуҳ моҳи соли гузашта 8,2 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ - 7, 9, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ - 16,5, хизматрасонии пулакӣ - 5,5, мусофиркашонӣ - 9,8 ва гардиши савдо 12 фоиз афзуд.

- Хароҷоти буҷети давлатӣ дар 9 моҳи соли ҷорӣ ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ 28,6 млрд. сомонӣ (90,4 фоизи нақша)-ро ташкил дод. Таҳлили рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра аксари нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусбатанд. Дар давраи мавриди назар иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои воридот 101,6 фоиз таъмин ва ба буҷети давлатӣ 30,5 млрд. сомонӣ ворид гардида, барзиёдии воридоти маблағ нисбат ба нақша 485,3 млн. сомониро ташкил дод. Аз ҷумла, даромади ҷории буҷети давлатӣ ба 104,3 фоиз иҷро гардида, ба буҷет аз ин ҳисоб 21,3 млрд. сомонӣ ворид шуд. Воридот нисбат ба нақшаи пешбинишуда 867,6 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4 млрд. сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра аз ҳисоби 2 сарчашмаи воридот 147,1 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби андоз аз фурӯш 1,4 млн. сомонӣ ва андоз барои захираҳои табиӣ 145,7 млн. сомонӣ иҷро нагардид. Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби грантҳо ва қарзҳо барои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 5,7 млрд. сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ 2,5 млрд. сомонӣ аз худ карда шудааст, - зикр кард номбурда.

Бино ба гуфти Маҳмадалӣ Қурбонзода, омӯзиш ва таҳлили иҷрои буҷети давлатӣ дар 9 моҳи соли 2023 муайян кардааст, ки қисми даромади буҷет иҷро шуда бошад ҳам, ҳанӯз камбудиҳо дар ин самт ҷой доранд.

- Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ҳамасола ҷиҳати иҷрои тавсияҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳое, ки дар хулосаҳои мақомоти назоратии молиявӣ дарҷ гардидаанд, баъзе аз онҳо дар сатҳи зарурӣ ба назар гирифта нашудаанд, ки дар натиҷа камбудию норасоиҳои ҷойдошта сол аз сол такрор ёфта истодааст.

Маълумоти пешниҳодгардидаи мақомоти назорати молиявӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти аудити дохилӣ ва назорати дохили идоравии баъзе аз вазорату идораҳо дар сатҳи зарурӣ қарор надорад ва ин аст, ки ҳамасола маблағу воситаҳои давлатӣ, махсусан маблағҳои буҷетӣ мақсаднок ва самаранок истифода намешаванд. Аз ин рӯ, дар раванди таҳияи буҷети давлатӣ, бо мақсади иҷрои сифатноки қисми даромади буҷет бояд таҳлил гузаронида, ҳамаи манбаъҳои воқеии сарчашмаҳои андозӣ ба назар гирифта шаванд, - изҳор дошт Маҳмадалӣ Қурбонзода.

Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода оид ба даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ дар 9 моҳи соли равон изҳор дошт, ки сарфи назар аз вазъи ноустувори сиёсию молиявии ҷаҳонӣ, бо амалӣ гардидани тадбирҳои ислоҳотию зиддибуҳронӣ, инчунин, оид ба коҳиш додани таъсири омилҳои беруна ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, дар давраи мавриди назар устувории нишондиҳандаҳои молиявӣ,



макроиқтисодӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ таъмин гардид. Бино ба гуфти ӯ, иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ дар моҳҳои январ - сентябри соли ҷорӣ дар сатҳи 101,6 фоиз таъмин гардида, воридоти маблағ 30,5 млрд. сомониро ташкил дод. Даромади умумии буҷети давлатӣ ба 33,9 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда 3,3 банди фоиз зиёд мебошад.

Иҷрои нақшаи қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ дар сатҳи 104,7 фоиз таъмин гардида, воридоти маблағ ба 6,6 млрд. сомонӣ баробар гардид.

- Ҷиҳати ҷалби маблағҳои иловагӣ ба иқтисоди миллӣ ва идоракунии қарзи давлатӣ дар давраи зикршуда дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои кишвар тадбирҳои мушаххас амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 5,7 млрд. сомонӣ, аз ҷумла 4 млрд. сомонӣ грант (70,8 фоиз) ва 1,7 млрд. сомонӣ (29,2 фоиз) қарз аз худ гардид.

Ҳамзамон, бо мақсади хизматрасонии саривақтии қарзи беруна 212,3 млн. доллари амрикоӣ пардохт гардид, ки аз он пардохти қарзи асосӣ 139 млн. доллари амрикоӣ ва фоизи қарз 73,3 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи қарзи дохилии давлатӣ, аз ҷумла аз рӯи коғазҳои қиматноки давлатӣ, векселҳои хазинадорӣ ва қарзи ҷалбгардидаи давлатӣ 603,7 млн. сомонӣ пардохт карда шуд, ки аз он қарзи асосӣ 568,1 млн. сомонӣ ва фоизи қарз 35,6 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ - сентябри соли ҷорӣ барои маблағгузории иловагии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ҷиҳати амалӣ намудани 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 284,7 млн. доллари амрикоӣ, 15 созишномаи нави қарзию грантӣ ба имзо расид.

Аз ҳаҷми умумии маблағи созишномаҳои ба имзорасида 263,1 млн. доллари амрикоӣ (92,4 фоиз)-и он грант, 21,6 млн. доллари амрикоӣ (7,6 фоиз) қарзи имтиёзнок мебошад. Яъне, меъёру талаботи дар стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ муқарраршуда ва тавсияҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ вобаста ба андозаи қарзи давлатӣ нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ пурра риоя шуда, идоракунии қарзи давлатӣ дар сатҳи бехавф қарор дорад, - зикр кард номбурда.

Муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нозим Меликзода изҳор дошт, ки дар натиҷаи чораҳои тибқи дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ андешидашуда, дар нуҳ моҳи соли 2023 иҷрои нақшаи тасдиқшудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ 106,2 дарсад таъмин гардид. Иҷрои нақша барои Раёсати андози андозсупорандагони калон дар ин давра, асосан аз ҳисоби ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик», ҶСК «Тоҷиктелеком», ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ - саноатии Тоҷикистону Хитой», ҶДММ «Ширкати металлургии «Анзоб», ҶСК «Талко Голд» ва ширкатҳои мобилӣ таъмин нашуда, дар натиҷа ба буҷет 349 миллион сомонӣ ворид нагардид. Сабабҳои асосии дар ин давра таъмин нагардидани иҷрои нақша аз ҳисоби субъектҳои номбурда чун солҳои қаблӣ таъмин нашудани иҷрои дурнамои нишондиҳандаҳои ин корхонаҳо, нокифоя афзоиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ, бо фоидаи ночиз ҷамъбаст намудани фаъолият ва дигар омилҳо вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, дар давраи зикршуда иҷрои нақшаи андоз аз фурӯш 90,9 дарсад ва андоз барои захираҳои табиӣ 84,2 дарсад таъмин шуд.

- Бақияи қарзи андозҳо то якуми октябри соли 2023-юм 894,4 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба якуми январи соли 2023 - юм 166,3 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Бо мақсади рӯёнидани маблағи бақияи



қарзи андозҳо ва пешгирии зиёдшавии он дар ин давра нисбат ба 13,6 ҳазор андозсупорандаи қарздор қарорҳо оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 886,1 миллион сомонӣ қабул гардида, бо назардошти қарорҳои солҳои қаблӣ ба буҷет 812 миллион сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 133,9 миллион сомонӣ зиёд мебошад, - зикр кард нотиқ.

Дар натиҷаи анҷом додани корҳои назоратӣ аз ҳисоби кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо 994,1 миллион сомонӣ ошкор карда, ба буҷет бо назардошти қарзҳои солҳои қаблӣ 872 миллион сомонӣ ворид шуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 303,4 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Сардори Хадамоти гумруки назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Каримзода иттилоъ дод, ки дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ гардиши тиҷорати хориҷии ҷумҳурӣ ба 5 096,9 миллиард доллар баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 507,8 миллион доллар (9 фоиз) кам мебошад.



Аз ҳаҷми умумии гардиши мол 4 162,7 миллион доллар ба воридот ва 934,2 миллион доллар ба содирот рост омада, мутаносибан воридот 368,7 миллион доллар (10 фоиз) зиёд ва содирот 876,5 миллион доллар (48 дарсад) кам гардидааст. Дар сохтори умумии гардиши мол ҳиссаи воридот 81,7 дарсад ва содирот бошад, 18,3 дарсадро ташкил медиҳад.

- Дар нуҳ моҳи соли 2023 нақшаи воридоти пардохтҳои гумрукӣ 5481,8 миллион сомонӣ пешбинӣ гардида, баъдан, бо назардошти ворид намудани тағйиру иловаҳо, нақшаи аниқшудаи пардохтҳои гумрукӣ 6246,8 миллион сомониро ташкил дод. Дар ин давра ба буҷети давлатӣ 6722,4 миллион сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 1240,6 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Новобаста аз идома ёфтани буҳрони молиявӣ - иқтисодӣ бе тағйир мондани қурби арзи хориҷӣ нисбат ба қурби миёнасолонаи пешбинишуда ва дигар омилҳои таъсиррасон ба иқтисодиёти кишвар ва ҷаҳон Хадамоти гумрук тавонист иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукиро барзиёд таъмин намояд, - изҳор дошт номбурда.

Директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Давлатзода зикр кард, ки дар нуҳ моҳи соли 2023 ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ 2 932,9 миллион сомонӣ ворид гардид, ки 99,8 дарсади нақшаро ташкил медиҳад.

Бино ба гуфти ӯ, дар ин давра нақшаи қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар вилояти Суғд - 103,2 фоиз, вилояти Хатлон - 100,9, ВМКБ - 93,3, шаҳри Душанбе - 97 ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 96,6 фоиз таъмин гардид. Ҳамчунин, то якуми октябри соли 2023 бақияпулиҳои андози иҷтимоӣ 127,2 миллион сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ 22,4 миллион сомонӣ ё 14,9 фоиз коҳиш ёфтааст.

- Барои маблағгузории саривақтии нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази агентӣ ҳамчун мусоидати молиявии дохилиидоравӣ (субвенсия) ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 418,9 миллион сомонӣ ҷудо гардид. Новобаста аз он ки ҷамъоварии андози иҷтимоӣ ба зиммаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст, агентӣ ва сохторҳои он дар маҳалҳо дар самти ҷамъоварии андози иҷтимоӣ, пурра ба андозбандӣ фаро гирифтани тамоми манбаъҳои воқеии даромад ва пешгирӣ намудани пайдоиши бақияпулиҳо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андо-



зи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамкорӣ менамояд, - зикр кард Дилмурод Давлатзода.

Дар суханронии муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Талбакзода оид ба раванди тафтишу санҷишҳои молиявӣ, дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мурочиатҳои асосноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ баҳри таъмини назорати истифодаи мақсадноки воситаҳои давлатӣ ва риояи қатъии интизоми молиявӣ маълумот дода шуд. Бино ба гуфти ӯ, дар ин давра аз ҷониби мутахассисони агентӣ дар натиҷаи 206 тафтишу санҷишҳои гузаронидашуда 213,7 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор шуд.

- Аз маблағҳои ошкоргардида хароҷоти ғайриқонунӣ 18,1 миллион сомонӣ, камомад ва тасарруф 24,9 млн. сомонӣ, изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ 52,9 млн. сомонӣ, зарар аз фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ 1,6 млн. сомонӣ, талафи воситаҳои пулию молӣ 63,3 млн. сомонӣ, маблағи кам ҳисобшуда ва рӯйпӯшгардидаи андозу пардохтҳои ҳатмӣ 52,8 млн. сомониро ташкил медиҳанд. Зарарҳои молиявии нисбатан калон асосан



зимни тафтиши Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Корхонаи муштараки «Зарафшон» 60,7 млн. сомонӣ, муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 12,4 млн. сомонӣ, Агентии таъминоти амволи махсус 5,5 млн. сомонӣ, Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ» 5,1 млн. сомонӣ, ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», шабакаҳои тақсимоти барқи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, шаҳрҳои Душанбе, Норак, Бохтар, Гулистон ва Истаравшан 4,1 млн. сомонӣ, зерсохтори Гвардияи миллӣ 3,9 млн. сомонӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 2,8 млн. сомонӣ, Вазорати кишоварзӣ 2,6 млн. сомонӣ, Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» 2,5 млн. сомонӣ, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо 2,2 млн. сомонӣ ошкор гардид. Ғайр аз ин, бо натиҷаи тафтиши 14 маркази татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба маблаги 6,2 млн. сомонӣ зарари молиявӣ ошкор ва 5,6 млн. сомонии он барқарор карда шудааст, - зикр кард нотиқ.

Дар натиҷаи тафтиши ташаккул ва иҷрои буҷетҳои маҳаллии 15 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ 37,8 млн. сомонӣ зарари молиявӣ ошкор гардида, 37 млн. сомонии (97,8 фоиз) он барқарор карда шуд. Аз маблағҳои ошкоршуда ба ташкилоту муассисаҳои буҷетии шаҳри Душанбе 7,3 млн. сомонӣ, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров - 5,6, Спитамен - 3,7, Айнӣ - 3,2, Исмоили Сомонӣ - 2,5, Файзобод 2,3, Лахш - 2,2, Варзоб - 1,8, Абдураҳмони Ҷомӣ - 1,6, Дӯстӣ - 1,6, Қубодиён - 1,5, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ - 1,3, Кӯҳистони Мастчоҳ - 1, Шуғнон 1 млн. сомонӣ ва ба Мурғоб 711,9 ҳазор сомонӣ рост меояд.

Дар охир вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саволҳои худ аз масъулин посух гирифта, пешниҳоду тавсияҳояшонро манзур намуданд.

Бо назардошти таклифу дархост ва пешниҳодҳои иброзгардида қарор ва тавсияҳои парлумонӣ қабул шуданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»,**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ДАЛЕЛИ ҚОТЕИ ДАСТГИРИИ ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНИИ ПРЕЗИДЕНТ

Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА,
доктори илмҳои таърих, профессор



**Дар саргаҳи ибтикороти давлатсозии мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қабули Конститутсияи нави мамлакат қарор дошт, ки бори аввал дар таърихи давлатдории тоҷикон аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ сурат гирифта, дар он таҷрибаи андӯхтаҳои тамаддуни башарӣ дар робита ба озодии инсон, ҳуқуқи шаҳрванд, ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ таҷассуми равшан пайдо намуд ва ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамои як давлати комилҳуқуқ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст.**

Аз таърихи таҳаввулоти низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ислоҳоти конститутсионӣ дар поёни асри XX бармеояд, ки кӯшишҳои таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави Тоҷикистон дар аввали солҳои навадуми асри XX шурӯъ гардид, аммо ташаккули ғояи меҳварӣ ва ҷараёни пайрезии он то ба марҳалаи ниҳоии таҳия ва қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол мантиқан натиҷаи амалӣ гардидани назария ва тадбирҳои мушаххаси мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ислоҳоти конститутсионӣ мебошад.

Қабули «Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси дохил кардани тағйиру иловаҳо ба Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар солҳои 1990 - 1991 аз ҷумлаи омилҳое буданд, ки раванди қабули Қонуни асосиро суръат бахшиданд, вале кӯшиши воқеан, ҷиддӣ ва ҳадафмандӣ таҳияи лоиҳаи Конститутсия баъд аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истиқрори сохти конститутсионӣ ва таъсиси мақомоти нави ҳокимияти давлатӣ дар кишвар оғоз шуд. Баъдан Иҷлосияи XVII Шӯрои Олӣ бо роҳи дохил намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Шӯрои Олӣ дар таърихи 23-юми августи соли 1990 «Дар бораи ташкили Комиссия оид ба тайёр намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳайати нави Комиссияи конститутсиониро бо роҳбарии Раиси Шӯрои Олӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ намуд.

Дар ҳамин ҷаласа мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таъкид ва тафсири моҳияти сиёсии ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз ба миллат изҳор дошт: «Муҳимтарин ҷиҳати он вазифа то сатҳи юридикӣ ва маънавии ҳуқуқи байналмилалӣ ва тадбирҳои универсалии онҳо баланд бардоштани қонунгузории давлатист. Аз ин ҷиҳат, мо ба хулоса омадем, ки системаи ҷории қонунҳоямонро бо экспертизаи байналмилалӣ фиристем ва ҳам дар баррасии Қонуни асосиамон аз кумаки машваратии муассисаҳои дахлдори байналхалқӣ истифода барем».

Сарвари Тоҷикистон бо зикри аҳамият ва зарурати ҳамоҳангсозии низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба равиши судмандии ислоҳоти конститутсионии Тоҷикистон асос гузошт, ки яке аз заминаҳои бисёр муҳими истиқболи ҳамаи кишвари мо гардид.

Дар асоси дастурҳои Сарвари давлат гурӯҳи кории Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо корбандии дастовардҳои илми ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва суннати таффакури ҳуқуқии миллӣ дар муддати шаш моҳ ду лоиҳаи Конститутсия, яке дар шакли идораи парламентӣ ва дигар дар шакли идораи парламентию президентӣ таҳия намуда, ба баррасии мардум пешниҳод карда. Таҳия намудани ду лоиҳа бесабаб набуд. Аз замони таҳияи аввалин лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи апрели соли 1992 пешниҳод гардида буд, дар афкори умум дар асоси барҳӯрди неруҳои мухталифи сиёсию иҷтимоии кишвар ду шакли асосии интихоби шакли идораи давлати Тоҷикистон ақидаҳои гуногун ва ҳатто комилан хилофи ҳамдигар изҳор мешуданд. Комиссияи конститутсионӣ бо дарки масъулият ва дар натиҷаи таҳлили амиқи воқеияти сиёсии кишвар, бинобар набудани ҳизбу созмонҳои соҳибтаҷриба ва фароҳам наомадани пойгоҳи муносиби идоракунии парламентӣ дар Тоҷикистон, ба хулосаи ягона расид, ки лоиҳаи шакли идораи президентӣ ба баррасии халқ таҳия дода шавад.

Дар таърихи давлатдории навини тоҷикон бори нахуст 6-уми ноябри соли 1994 раъйпурсии умумихалқӣ барои қабули Конститутсия баргузор гардид. Натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ хеле муассир буд ва беш аз 87 фоизи шаҳрвандон лоиҳаро ҷонибдорӣ намуданд.

Ин истиқболи мардум аз лоиҳаи Конститутсия ва интихоби мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳамон рӯз ба вуқӯъ пайваст, далели қотеи дастгирии ҳамаҷонибаи ислоҳоти конститутсионии Президент, ҳадафу барнома ва дурнамои сиёсати дохилию хориҷии ӯ буд.

Тибқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон мақоме, ки амалӣ шудани меъёрҳои онро ба уҳда дошт, Комиссияи оштии миллӣ буд. Дар қатори масъалаҳои дигаре, ки ҳаллу фаслашон ба уҳдаи комиссияи мазкур вогузор карда шуд, масъалаи дохил кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи кишвар низ шомил буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи талаботи Конститутсия ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон», пешниҳоди худро доир ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ирсол доштанд. Маҷлиси Олӣ қарор «Дар бораи гузаронидани раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд ва 26-уми сентябри соли 1999 бо раъйи халқ як силсила тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардиданд.

Тағйиру иловаҳо дар қисмати ҳокимияти иҷроия асосан ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доштанд ва мӯҳлати салоҳияти президентиро аз панҷ то ба ҳафт сол тамдид намуда, ба ӯ ҳуқуқи мустақилона таъсис ва барҳам додани вазорату кумитаҳои давлатӣ, мустақилона баровардани масъалаи ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ, ҳаққи мустақилона таъин ва озод намудани намояндагони салоҳиятдори Тоҷикистон (сафирон) ва ғайраро муқаррар намуданд.

Соли 1999 дар асоси тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида бо таваҷҷуҳ ба таъсиси парламенти касбӣ, ки имконияти такмили сифатии қонунҳо ва ифодаи пурратари манфиати воҳидҳои ҳудудии алоҳида ва табақаҳоро фароҳам меовард, сохтори парламенти думаҷлиса муайян гардид ва дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тартиби ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд.

Бар асоси ин муқаррарот қонунҳое, ки Маҷлиси Олӣ ба унвони мақоми қонунгузор таҳия ва қабул мекунад, аз ҷониби ҳокимияти иҷроия ба амал татбиқ мешаванд ва аъзои парламент дар таъини шахсони мансабдори мамлакат иштирок мекунанд. Ин салоҳият маҳакест, ки тавозуни ҳокимиятро фароҳам меоварад. Маҷлиси Олӣ чун мақоми воқеан қонунгузор ва намояндагӣ ба сифати мақом расмият пайдо кард, ки манфиатҳои ҳама табақаҳои ҷамъиятро ифода менамояд.

Мутобиқи ин навовариҳои конститутсионӣ аввалин бор дар таърихи сиёсии Тоҷикистон парламенти думаҷлисаи доимоамалкунандаи касбӣ ба фаъолият шурӯъ намуд, ки дар рушду инкишофи андешаи парламентаризми миллӣ ва амалияи демократисозии давлату давлатдорӣ таъсири файзбахш расонид.

Дар доираи қонунмандии иҷтимоӣ ва дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷомеа ва дастовардҳои кишвари рӯ ба инкишоф ворид намудани тағйиру иловаҳои навбатӣ ба Конститутсияи Тоҷикистон ба миён омад, ки он 22-юми июни соли 2003 бо раъйи мардум амалӣ гардида, 22-юми майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия тағйиру иловаҳои нав ворид карда шуданд.

Дар натиҷаи тағйиру иловаҳои солҳои 2003 ва 2016 инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эълон гардида, раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот ҳамчун шакли олии ифодаи бевоситаи ҳокимияти халқ эътироф ва ҳизбҳои сиёсӣ чун унсури низоми сиёсӣ шинохта шуданд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чун мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва маҳаллӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ эътироф шуданд, синни 30-солагӣ ва таҳсилоти олӣ барои интихоб шудан ба мансаби вакили Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ муқаррар гардид.

Тавре академик Маҳкам Маҳмудзода дар мақолааш зикр кардааст: «Сарфи назар аз он ки дар ҳудуди ИДМ Тоҷикистон дуюмин шуда, баъди Россия соҳиби Конститутсия гардид ва ин Конститутсия, бинобар таҳлили коршиносони САҲА, ҷиҳати ҳуқуқи инсон дар радифи 5 конститутсияи беҳтарини давлатҳои узви Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо эътироф шудааст, танҳо бо исботи он далел, ки қабули Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат гирифтааст, гуфтаи Сардори давлатро оид ба ҷавобгӯи арзишҳои демократӣ будани Конститутсия дуруст мебарорад».

Дар асоси Конститутсияи соли 1994 қабулгардида шаш маротиба ҷиҳати таъсиси мақомоти марказӣ ва маҳаллии намояндагӣ интихоботи даврии парламентӣ (солҳои 1995, 2000, 2005, 2010, 2015, 2020), панҷ маротиба интихоботи президентӣ (солҳои 1994, 1999, 2006, 2013, 2020) бо иштироки бевоситаи халқи Тоҷикистон баргузор шуда, низоми қонунгузорӣ бо се раъйпурсии умумихалқӣ се ислоҳоти конститутсиониро (солҳои 1999, 2003, 2016) ҳамчун давраҳои рушди табиати ҳуқуқии мардум паси сар кард ва талаботи моддаи 6 Конститутсия, ки халқро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон намудааст, воқеан амалӣ ва соҳибихтиёрии халқ дар Тоҷикистон собит гардид.

Мутобиқи моддаи 64-уми Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия мебошад. Ҳокимияти иҷроия ба ҳайси рукни тавоно ва зудамали ҳокимияти давлатӣ пурра ба Президент мутааллиқ дониста шуда, ӯ ҳамчун раис роҳбарии Ҳукумати мамлакатро низ ба уҳда дорад.

Дар асоси муқаррароти Конститутсия ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти судӣ амалӣ мегардад. Ҳокимияти қонунгузорро Маҷлиси Олӣ, ҳокимияти иҷроияро Президент ва ҳокимияти судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар зинаҳои судӣ амалӣ месозанд.

Ин се рукни ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ мустақил буда, ба якдигар тобеъ намебошанд, аммо мустақилияти рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ба маънои мутлақ нест, зеро ҳеҷ яке аз онҳо бе ширкати рукни дигар, яъне бидуни робита ва таъсиргузории мутақобила вазифаҳои худро дар ҳадди лозим ба сомон расонида наметавонад. Чунончи, қабули қонунҳо салоҳияти Маҷлиси Олӣ аст, вале қонун фақат баъди имзои Президент ҳукми амал пайдо мекунад ва ё худ ҳама фармонҳои Президент дар бораи таъину озод намудани аъзои Ҳукумати мамлакат барои тасдиқ ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд.

Ҳамин тавр, чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми шодбошиашон ба муносибати Рӯзи Конститутсия иброз доштанд: «Конститутсияи Тоҷикистон санади тақдирсоз, роҳнамо ва шаҳодатномаи халқи Тоҷикистон аст. Бинобар ин, ҳар як шаҳрванди кишвар онро бояд азизу муқаддас шуморад ва ба он ҳамчун дастоварди бузурги мардуми Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ арҷ гузорад».

Феълан ҳам, муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равандҳои созандаи қаблан анҷомёфта оид ба воридсозии тағйиру иловаҳо ба он бозгӯи роҳу равиши ба худ хоси давлатдорию идоракунии Тоҷикистон ва зарурати мутобиқ гардонидани қонунгузорӣ ва чаҳорчӯбаҳои рушди сиёсию ҷамъиятии кишвар ба шароити замони муосир буда, аз ҳар як фарди ватандӯсту масъулиятшинос донистан, риоя ва татбиқи меъёрҳои дахлдори ин санади олиро дар ҳамаи сатҳу зинаҳо тақозо мекунад.

# КОНСТИТУТСИЯ - ШОҲКИТОБИ САОДАТУ СОЗАНДАГӢ

## Он, ифодагари иродаи халқи Тоҷикистон буда, бо аксарияти мутлақи раъйи мардум қабул гардидааст

Нурулло ОҚИЛЗОДА,
мушовири калони бахши Ёрдамчии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид
ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа



**Дар фазои сулҳу амнияти комил ва авҷи саодату шукуфоӣ мардуми шарифи Тоҷикистон таҳти сарварии хирадсолоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар сол 6- уми ноябрро ҳамчун Рӯзи Конститутсия бо шукӯҳу ифтихори баланди ватандорӣ ва шукргузории комил аз дастоварду комёбиҳои беназири даврони соҳибистиқлолӣ таҷлил менамоянд.**

Мардуми Тоҷикистон ба Конститутсия ҳамчун ба рукни муқаддаси миллӣ, санади сарнавиштсоз ва шоҳкитоби бахту саодат муносибат намуда, 29 сол инҷониб дар партави татбиқи меъёрҳои он баҳри таъмини ҳаёти хушбахтонаи оилавӣ ва фардои дурахшони сарзамини аҷдодӣ саъю талош менамоянд.

Бори аввал дар таърихи давлатдории миллати тоҷик матни Конститутсия ба забони давлатӣ омода шуда, ғояи ҷамъияти ҳуқуқбунёди демократӣ асоси Конститутсияро ташкил медод.

Мувофиқи моддаи якуми Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, ҳаёти арзанда ва рушди озоди инсонро таъмин менамояд. Тӯли таърихи бисёрҳазорсолаи давлатдории тоҷикон бори аввал дар Конститутсия халқ ҳамчун василаи истиқлолият ва сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро инчунин ба воситаи намояндагони худ амалӣ мегардонад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваи олии ҳуқуқӣ дошта, меъёрҳои он бевосита амал менамоянд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки ба меъёрҳои Конститутсия мухолиф мебошанд, қувваи ҳуқуқӣ надоранд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати шахс ба давлат таваҷҷуҳи хоса зоҳир шудааст. Он ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон афзалият дода, масъулияти давлатро дар назди ҷомеа ва шаҳрванд баланд бардошта, ҳаёт, шараф ва номусу дигар ҳуқуқҳои табиии инсонро дар доираи меъёрҳои ҳуқуқ мустаҳкам сохта, онҳоро ҳифз менамояд.

Аҳамияти таърихии Конститутсия, пеш аз ҳама, дар он ифода мегардад, ки ин санади сарнавиштсоз на танҳо ба таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ замина гузошт, балки омили асосии кафолати устувории ҳаёти сиёсии ҷомеа ва рушду инкишофи бемайлони Тоҷикистон гардид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пояҳои истиқлолият ва асосҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоии моро таҳким бахшида, сарчашмаи ташаккули низоми нави қонунгузории давлати муосири мо гардид ва иштироки озодонаю васеи шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии мамлакат ва идораи давлат таъмин намуд.

Тавре ки Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Дар Конститутсия принсипу меъёрҳои бунёдии ҷомеа ва давлат муқаррар шудаанд, ки онҳо асоси сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсати хориҷии давлатро ташкил медиҳанд.

Дар асоси меъёрҳои Конститутсия ба мо муяссар гардид, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори сиёсӣ ва иқтисодии мамлакатамонро таъмин намуда, барои ҳар шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам оварем.

Ин санади муқаддас, яъне Конститутсия, воқеан ҳам, ифодагари иродаи халқи Тоҷикистон аст, зеро халқ дар муҳокимаи он бо пешниҳоду дархостҳои судманд фаъолона иштирок ва онро бо аксарияти мутлақи раъйи худ қабул намуд».

Конститутсия тавонист ифодагари манфиатҳои халқи тоҷик бошаду тоҷиконро дар арсаи олам муаррифӣ созад. Ин ҳуҷҷати тақдирсози миллат аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ дар шумори даҳ Конститутсияи беҳтарини давлатҳои аъзои Созмони амният ва ҳамкории Аврупо ном бурда шудааст.

Тоҷикистон дар сатҳи Конститутсия ба ҷомеаи ҷаҳон эълон дошт, ки халқи Тоҷикистон озодӣ ва ҳуқуқи шахсро арзиши олӣ шуморида, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятро эътироф менамояд ва ҷонибдори бунёди ҷомеаи адолатпарвар мебошад.

Дар Қонуни асосӣ аввалин маротиба ҳуқуқҳои фитрӣ ва табиии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, қадр, номус, амният, озодӣ ва дигар ҳуқуқҳои он ба таври возеҳ муқаррар гардидаанд, ки ин хусусият Конститутсияи моро дар радифи қонунҳои асосии давлатҳои пешрафта қарор медиҳад.

Бо назардошти пешрафти рӯзафзун ва талаботи дигаргуниҳои айём, инчунин таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ, фардои мунаввари Ватан ва ҳаёти хушбахтонаи сокинони он ба Конститутсияи мамлакат се маротиба - солҳои 1999, 2003 ва 2016 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйироту иловаҳо ворид шуданд. Ин тағйироту иловаҳо ба Конститутсия, ба таъкиди Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Сохтор, мазмуну муҳтаво ва меъёрҳои ин санади муҳимро такмил дода, барои боз ҳам тавсеа бахшидан ба равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, таҳкими асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, такмили низоми қонунгузории мамлакат ва ба санадҳои аз ҷониби умум пазируфташуда мутобиқ гардонидани меъёрҳои конститутсионӣ мусоидат намуданд».

Комёбиҳои истеҳсолӣ дар соҳаҳои гуногун сабаби афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ гардид. Ҳамаи ин аз натиҷаи фаъолияти озоди иқтисодӣ, ривоҷи соҳибкорӣ, ҳимояи ҳамаи намудҳои моликият, бахусус моликияти шахсӣ, ки онро Конститутсияи Тоҷикистони озод кафолат медиҳад, бармеояд.

Дар робита ба ин, ба ёд овардани суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид аст: «Конститутсияи даврони истиқлоли мо ҷавобгӯ ба талаботи замони нав ва ҷомеаи муосири мамлакат буда, то имрӯз барои рушду тараққиёти давлатдории миллӣ, таҳкими пояҳои он ва зиндагии осудаву озоди мардуми тоҷик нақши калидӣ мебозад».

Дар Тоҷикистон ягон мафкура, аз ҷумла мафкураи ҳизбӣ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат, гурӯҳ ё шахсе, ба ҳайси мафкураи давлатӣ ва ҳатмӣ эътироф намешавад, аммо ин маънои онро надорад, ки давлат дорои мақсаду ормонҳои олӣ набошад. Давлат масъули таъмини амнияти ҷомеа ва фард буда, арзишҳои умумибашариро дар худ таҷассум менамояд, ки ин арзишҳо ба меъёрҳои конститутсионӣ табдил ёфтаанд. Тибқи принсипи гуногунандешии сиёсӣ, ҳоло дар мамлакати мо ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ фаъолият менамоянд. Дар ин самти ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ рух доданд. Агар соли 1991 дар мамлакатамон дар маҷмӯъ 60 иттиҳодияи ҷамъиятӣ фаъолият дошта бошад, ҳоло 7 ҳизби сиёсӣ ва зиёда аз 2200 иттиҳодияи ҷамъиятӣ фаъолият менамояд, ки ин баёнгари дар амал татбиқ шудани усули гуногунандешии мафкуравӣ ва сиёсӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Тибқи Конститутсия дар Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб менамоянд ё барои бо зӯрӣ сарнагун намудани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Амалҳои дорои хусусияти зиддиконститутсионию зиддидемократӣ оромӣ ва суботи ҷомеаро халалдор ва ба амнияту озодии инсон таҳдид менамоянд.

Тамомияти арзии мамлакат, муттаҳидӣ, озодӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандонро кафолат дода, Конститутсия терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи яроқу аслиҳаро қатъиян манъ ва маҳкум менамояд.

Воқеан, бо шарофати қабули Конститутсия ва татбиқи меъёрҳои он мардуми шарифи Тоҷикистон роҳи бунёди давлати нави миллии худро комилан дуруст интихоб ва таҳти сарварии Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастоварду комёбиҳои барҷаста ноил шуданд.

Бо гузашти қариб се даҳсола аз қабули Конститутсия ва дастовардҳои шоистаи давлатдории навини тоҷикон собит мегардад, ки ин шоҳкитоби бахту саодат раҳнамои пешрафту шукуфоӣ барои миллату давлати Тоҷикистон мебошад. Афзун бар ин, корнома, шахсият ва фазилатҳои сиёсию маънавии Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон тафсири равшан ва оинаи татбиқи Конститутсияи мамлакат аст.

Махсусан, дастоварди беназиру нотакрори сулҳофаринии Пешвои миллат дар таърихи инсоният то кунун такрор нашудааст. Пешвои саодатгустари халқ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз баъд аз 23 рӯзи интихоб шуданашон ба сифати Роҳбари давлат дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Мурожиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон гуфта буданд: «Бародарон ва хоҳарони азиз! Ҳамватанони мухтарам! Ман ба ҳар яки шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор муроҷиат намуда, ба ақлу заковати шумо, ки ворисону фарзандони барӯманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона намуда, барои шукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат менамоям. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».

Роҳбари давлати мо ин қавлу қасами худро дар амал собит ва рушду шукуфоии Тоҷикистонро бо қабули Конститутсия ва татбиқи меъёрҳои он таъмин намуданд. Бинобар ин, бо ҳидояту роҳнамоӣ ва дастури созандаи Сардори давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Мо бояд ба Конститутсия ҳамчун санади муқаддас ва барномаи асосии фаъолияти давлат ва зиндагии ҷомеа муносибат намоем».

Омӯхтан, донистан, эҳтиром гузоштан ва риоя намудани Конститутсия – ин санади сарнавиштсоз вазифаи ҳар шаҳрванди мамлакат – аз хурд то бузург мебошад.

Дар шароити пуртазоди ҷаҳонишавӣ ва вусъат гирифтани таҳдиду хатарҳои муосир, ки метавонанд дар пешрафти ҳар ҷомеае монеа гарданд, мо бояд ба эҳтироми Конститутсия ва риояи ҳатмии меъёрҳои он ҳамчун таъминкунандаи асосҳои низоми сиёсию ҳуқуқии мамлакат аҳамияти аввалиндараҷа диҳем.

Мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи мо масъул ва вазифадор ҳастем, ки пешоҳанги татбиқи аслҳои Конститутсия ва пайравони ҳақиқии Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон бошем. Саодати мо дар ҳамин амали ватандӯстона ифода мeёбад.

Ваколат ва рисолат

# КОМЁБӢ - САМАРАИ МАСЪУЛИЯТШИНОСӢ

**Пойтахти мамлакат дар заминаи сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва масъулиятшиносию поквиҷдонии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ ободтару зеботар гардида, ин раванд бардавом аст. Дар шаш соли охир пойтахти давлати азизамон, ки моҳиятан қалби кишвар аст, беш аз пеш ободу зебо гардида, дастовардҳо дар тамоми соҳаҳо тамоюли афзоиш касб намуданд. Бо гузашти вақти на он қадар зиёд мухтарам Рустами Эмомалӣ, сарфи назар аз ҷавонии худ, дар ҷодаи сиёсат ба шарофати сармашқи кор қарор додани дастуру ҳидоят ва насиҳатҳои Пешвои миллат дар ҳама ҷанбаҳо комёб гардиданд. Маҳз, дар ин замина обрӯю эътибори ин сиёсатмадори ҷавону муътабар афзуд ва мавсуф бо пиндору гуфтор ва рафтори намунавӣ дар қалби мардум маъво гирифт. Ин дастовардҳо сабаб шуданд, ки дар шаҳри Душанбе дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд оянд.**



Дар ин замина, муваффақиятҳои Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе низ қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоишанд. Аз суҳбат бо сардори раёсати мазкур, генерал - майори Ҳадамоти гумрук Абдуқодирзода Ҷамшед Комил маълум гардид, ки дар нуҳ моҳи соли равон гардиши тиҷорати хориҷӣ дар минтақаи фаъолияти раёсат 1 496,316 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст. Аз маблағи зикршуда 73, 900 миллион доллари ИМА ба содирот ва 1422,416 миллион доллари ИМА ба воридот рост меояд. Муҳимтар аз ҳама, субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷие, ки дар минтақаи фаъолияти раёсат амал менамоянд, бо 94 давлати хориҷӣ тиҷоратро ба роҳ монданд.

Ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» низ чораҳои дахлдор андешида шуда, фаъолият дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ гардид. Дар давраи мавриди назар ба буҷети давлат 1 953,6 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 388,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Қобили зикр аст, ки нишондиҳандаи мазкур дар қиёс ба соли гузашта 417,2 миллион сомонӣ бештар аст.

Аз далелҳои мавҷуда бармеояд, ки содироти меваю сабзавот ва чарми хом аз минтақаи фаъолияти раёсат афзуда, мутаносибан ба 301 ва 1735 тонна расид. Дар ин давра воридоти гандум назар ба соли гузашта 14866 тонна, маҳсулоти нефтӣ - 107426, гази моеъ - 18667, равғани растанӣ – 8903 ва шакар 7681 тонна зиёд гардидааст.

Воридшавии пардохтҳои гумрукиро аз рӯи сарчашмаҳои даромад шарҳ дода, генерал - майор Абдуқодирзода Ҷамшед Комил, аз ҷумла, гуфт, ки дар нимсолаи аввали соли 2023 нақшаи воридоти андоз аз арзиши иловашуда 110,9 фоиз иҷро гардид, ки дар қиёс ба нақша 141,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Таъкид гардид, ки вазни қиёсии андоз аз арзиши иловашуда дар таркиби пардохтҳои гумрукӣ 73,5 фоизро ташкил медиҳад. Чунин тамоюл дар ситонидани боҷи гумрукӣ ва андози аксизӣ низ баръало буда, мутаносибан нақшаҳои пешбинигардида 132,1 ва 150,2 фоиз иҷро шуд. Иҷрои нақшаи пардохтҳои ғайриандозӣ низ барзиёд буда, ба ҷои 25,2 миллион сомонӣ ба буҷет 25,5 миллион сомонӣ ворид гардид.

Иттилоъ гирифтем, ки ҳаҷми умумии воридот дар нимсолаи аввали соли равон 2 815,3 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод, ки аз он 2530,44 миллион доллари ИМА (86,4 фоиз) аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ озод мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки дар ҳамин давраи соли 2022 воридоти молу маҳсулот 2 993,3 миллион доллари амрикоиро ташкил дод, ки аз ин 2 735,5 миллион доллари амрикоӣ (91,9 фоиз) аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ озод буданд.

Тавре генерал-майор Абдуқодирзода Ҷамшед Комил гуфт, озод намудани воридоти маҳсулот ва воситаҳои нақлиётро аз пардохтҳои гумрукию андоз муқаррароти моддаи 169 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд. Дар моддаи 345 Кодекси гумрук муқаррар шудааст, ки воридоти пули миллӣ ва асъори хориҷӣ (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматӣ), инчунин коғазҳои қиматнок, металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Хазинаи давлатии сарватҳо, моле, ки ройгон ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, воридоти мол ба сифати кумаки башардӯстона, воридоти моле, ки ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ ба мақсади рафъи оқибати офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо ройгон дода мешавад, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ, аз пардохти боҷи гумрукӣ озоданд.

Дар баробари молу маҳсулот ва таҷҳизоти зикршуда воридоти моле, ки барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои созишномаҳои грантӣ ва қарзӣ амалӣ мешаванд, маҳсулоти махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон, масолеҳи сохтмонии иншооти сайёҳӣ, воридоти ашё (фурнитура) барои истеҳсоли либоси мактабӣ ба корхонаҳои дӯзандагӣ, техникаи таъиноти кишоварзӣ, маҳсулоту лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ низ аз ин имтиёзҳо бархӯрдоранд. Ҳар сол, бо назардошти талабот баҳри дастгирии соҳибкорону сармоягузорон, имтиёзҳои андозӣ муқаррар карда мешаванд. Ин омил ва дигар далелу рақамҳои истифодашуда гувоҳӣ медиҳанд, ки бархӯрдорӣ аз имтиёз падидаи маъмул буда, онро хоси гурӯҳи алоҳида арзёбӣ намудан иштибоҳ аст.

Аз имтиёзҳои гумрукӣ дар ин давра воридоти асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ (1 354 млн. доллари ИМА), кумаки башардӯстона (58,5 млн. доллари ИМА), молу маҳсулот, тибқи созишномаҳои грантӣ (121,1 млн. доллари ИМА), маводи сохтмонӣ барои иншооти махсусан муҳим (150,1 млн. доллари ИМА), таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ барои иншооти сайёҳӣ (1,96 млн. доллари ИМА), молу маҳсулот аз давлатҳои аъзои шартнома дар бораи минтақаи савдои озод (336,6 млн. доллари ИМА), таҷҳизоти истеҳсолӣ ва технологӣ (37,7 млн. доллари ИМА) бархӯрдор шуданд.

Нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар воҳидҳои тобеи раёсат 1068 ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ ошкор ва ба қайд гирифта шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 668 ҳолат зиёд мебошад. Аз ин нишондиҳанда 14 ҳолатро парвандаҳои ҷиноятӣ ташкил медиҳанд. Маълум гардид, ки ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ асосан ба маснуоти заргарӣ, қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёти боркаш, интиқоли ғайриқонунии асъори хориҷӣ, тамоку, шоколад, доруворӣ, либос ва ғайра марбутанд. Нишондиҳандаи мазкур натиҷаи вусъат бахшидани корҳои санҷишӣ ва назорати баъд аз барасмиятдарории гумрукӣ ба ҳисоб рафта, доимо мадди назари роҳбарият қарор дорад.

Ба гуфти сардори Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе, генерал - майор Абдуқодирзода Ҷамшед Комил, сабаби асосии комёбиҳои зикршуда, пеш аз ҳама, масъулиятшиносӣ зимни татбиқи қонунгузории амалкунанда дар самти муайян намудани арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёти ба ҳудуди гумрукии ҷумҳурӣ воридшуда, таъмини сифатнокии барасмиятдарории гумрукии молҳои ниёзи мардум, тавсеаи корҳои фаҳмондадиҳӣ бо субъектони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, пурзӯр намудани фаъолият дар самти пешгирии воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт ва тақвияти ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Илова бар ин, ба рақамикунонии пардохтҳои гумрукӣ бо истифода аз низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, назорати фосилавии фаъолияти дидбонгоҳҳои гумрукии наздисарҳадӣ, иттилоотонии пешакӣ ва монанди инҳо таваҷҷуҳ зоҳир гардид, зеро амалӣ гардидани тадбирҳои мазкур ба самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук дар самти дарёфти роҳҳои баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ низ мусоидат менамоянд.

Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 418648 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинаталогии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Молҳои хоҷагидорӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 13.11.2023 09:50:00 |
| 2 | 418639 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҳезуми хушк ва ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 13.11.2023 10:30:00 |
| 3 | 418632 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд (насби чорчӯба барои расм, филумизм) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.11.2023 15:25:25 |
| 4 | 418631 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сӯзишворӣ ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 23.11.2023 15:30:00 |
| 5 | 418633 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Обёрӣ ва азхудкунии заминҳои мавзеи Сомғор дар ноҳия (кашидани хатти оби нӯшокӣ бо қубурҳои полиэтилении Д-110-200 мм дар маҳаллаи 5-уми шаҳраки Сайҳун) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.11.2023 15:30:30 |
| 6 | 418635 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №26»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 23.11.2023 15:42:40 |
| 7 | 418634 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Васлу насби системаи камераҳои мушоҳидавӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 23.11.2023 15:45:00 |
| 8 | 418636 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии №4»-и шаҳри Хуҷанд | Иваз намудани тирезаҳои бинои муассиса (ҳаҷм - 33 м²) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.11.2023 16:10:10 |
| 9 | 418637 | Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи канселярӣ ва картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 23.11.2023 16:22:00 |
| 10 | 418628 | Бонки миллии Тоҷикистон | Асбоби дастӣ, электрикӣ, сантехникӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 182 | 23.11.2023 17:00:00 |
| 11 | 418641 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Маводи кимиёвӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 24.11.2023 08:35:00 |
| 12 | 418643 | Беморхонаи шаҳрии №2-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири утоқҳои кории шуъбаи дандонпизишкӣ ва корҳои ободонӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.11.2023 08:45:45 |
| 13 | 418646 | Беморхонаи ноҳиявии №2-и Ҷамоати деҳоти Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Таъмири намои бинои асоси беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.11.2023 09:25:25 |
| 14 | 418644 | Муассисаи давлатии «Телевизиони мусиқии Тоҷикистон «Шаҳнавоз» | Компютерҳои фардӣ, стабилизатор, принтер ва дастгоҳи аксбардорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 24.11.2023 09:30:00 |
| 15 | 418647 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд | Таъмири панҷараҳои металлӣ ва зарфи оташнишонии факултети «Муҳандисӣ-иқтисодӣ» ва баъзе утоқҳои бинои маъмурӣ ва хобгоҳи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.11.2023 09:35:50 |
| 16 | 418645 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.11.2023 10:00:00 |
| 17 | 418649 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и минтақаи Сағирдашт | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 24.11.2023 10:00:00 |
| 18 | 418640 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14-и шаҳри Ҳисор | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 24.11.2023 10:11:03 |
| 19 | 418650 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №13-и ноҳияи Ёвон | Демонтажи сӯрохиҳо ва иваз намудани дарҳо - 100 м² ва тирезаҳо - 600 м² дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.11.2023 10:20:55 |
| 20 | 418651 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд | Таъмири дохилии ошёнаи 2-юми факултети «Информатика ва энергетика»-и муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.11.2023 10:30:30 |
| 21 | 418652 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд | Таъмири ошёнаи 3-юми факултети «Информатика ва энергетика»-и муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.11.2023 10:30:30 |
| 22 | 418653 | Гимназияи №1-и ноҳияи Шаҳристон | Масолеҳи сохтмонӣ, блоки дару тиреза | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 24.11.2023 10:59:59 |
| 23 | 418654 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №27»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 24.11.2023 11:03:10 |
| 24 | 418655 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, барқӣ, сантехникӣ, техникаи идоравию маишӣ, мебел, обҳои маъданӣ ва инвентари нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 152 | 24.11.2023 14:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 23-юми ноябри соли 2023 музоядаи №44-ро оид ба фурӯши амволҳои мусодирагардида барпо менамояд:

| № | Тамғаи воситаҳои нақлиёт | Миқдор | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Опел астра G | 1 | 2001 то 2004 | 32000 |
| 2 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 3 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 4 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 5 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 6 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 7 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 8 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 9 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 10 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 11 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 12 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 13 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 14 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 15 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 16 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 17 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 18 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 19 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 20 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 21 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 22 | Опел астра G | 1 | | 32000 |
| 23 | Опел Зафира | 1 | | 40000 |
| 24 | Опел Зафира | 1 | | 40000 |
| 25 | Опел Зафира | 1 | | 40000 |
| 26 | Опел Зафира | 1 | | 40000 |
| 27 | Опел Зафира | 1 | | 40000 |
| 28 | Опел Зафира | 1 | | 40000 |
| 29 | Опел Зафира | 1 | | 40000 |
| 30 | Опел Зафира | 1 | | 40000 |
| 31 | Опел Зафира | 1 | | 40000 |
| 32 | Опел астра G | 1 | | 28000 |
| 33 | Опел астра G | 1 | | 28000 |
| 34 | Опел астра G | 1 | | 28000 |
| 35 | Опел астра G | 1 | | 28000 |
| 36 | Опел астра G | 1 | | 28000 |
| 37 | Опел астра G | 1 | | 36000 |
| 38 | Опел астра G | 1 | | 36000 |
| 39 | Опел Зафира | 1 | | 36000 |
| 40 | Опел Зафира | 1 | | 36000 |
| 41 | Опел Зафира | 1 | | 36000 |
| 42 | Опел Зафира | 1 | | 36000 |

***ЭЗОҲ**: Автомашинаҳои ба фурӯш пешниҳодгардида дар ҳолати таъмирталаб бо қисмҳои корношоями бордон, бе чархи эҳтиётӣ, аккумулятор, шиносномаи техникӣ ва рақами қайди давлатӣ, ранги автомашина дар офтоб сӯхтагӣ, бо рақамҳои Вин коди бордони аслии баъзе автомашинаҳо тарошидашуда қарор доранд. Автомашинаҳои мазкур дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд нигоҳ дошта мешаванд.*

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмаи амвол»** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғол намудани мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ ОЗМУНИ кушод эълон менамояд:**

**Номи мансаб:**

**Бахши умумӣ, кадрҳо ва корҳои махсуси Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

- мудир – 1 воҳиди корӣ.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғолкунандаи мансаб:**

- таҳсилоти олӣ аз рӯи ихтисосҳои иҷтимоӣ (ҳуқуқшиносӣ, иқтисодчӣ, психолог, филолог, сотсиолог, омӯзгор), се сол собиқаи хизмати давлатӣ ё чор сол собиқаи умумии меҳнатӣ, маоши мансабӣ – 1735, 85 сомонӣ.

Малакаи хуби роҳбарӣ, муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, кор бо компютер ва таҷҳизоти коммуникатсионии идоравӣ, донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ барои ҳамаи довталабон ҳатмист.

Ба бонувону занҳо ва шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намуданд, забонҳои хориҷиро медонанд, инчунин, унвонҳои соҳавии илмӣ доранд, афзалият дода мешавад.

**Довталабон ба комиссияи озмунӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ (шакли муқарраршуда);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо ду дона расми андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсилот;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи собиқаи меҳнатӣ (дафтарчаи меҳнатӣ);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсони дорои уҳдадории ҳарбӣ);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038);
- нусхаи гувоҳинома аз мақомоти андоз (РМА);
- маълумотнома аз ҷои зист;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ (аз Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Довталабон метавонанд ҳуҷҷатҳои мазкурро тавассути суроғаи электронии info@zakupki.gov.tj ё бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотта Руставелӣ - 22 пешниҳод карда, маълумоти иловагиро дар хусуси низоми озмун, салоҳият ва вазифаҳои мансабӣ ба воситаи телефонҳои 227-66-21, 227-66-79 ё сомонаи www.zakupki.gov.tj дастрас намоянд.

Муҳлати ниҳоии қабули ҳуҷҷатҳо - 21 рӯз пас аз нашри эълони мазкур дар воситаҳои ахбори омма (то соати 17⁰⁰) муқаррар мешавад.

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**Проект по «Раннему развитию детей для наращивания человеческого капитала в Таджикистане» финансируемый Всемирным банком**

**Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на отбор по позициям:**

**Специалиста по связям с общественностью и коммуникациям**

Задача - Специалист по связям с общественностью и коммуникациям (PR-менеджер) будет оказывать помощь Министерству финансов в реализации соответствующего компонента Проекта через ГРП и в освещении всех мероприятий и результатов Проекта в широком спектре средств массовой информации, таких как телевидение, газеты и радио; также будет использовать комплексную коммуникационную и информационно-просветительскую компанию в социальных сетях для наилучшего охвата целевых аудиторий через сообщения о проектной деятельности на местах. Помощь в проведении общественных слушаний в рамках Проекта по социальным и экологическим вопросам

• Высшее образование в области журналистики, здравоохранения, педагогики, социальных наук, коммуникаций или других смежных областях; степень магистра в области журналистики, изменения поведения, коммуникаций, маркетинга, социальных наук является преимуществом.

• Не менее пяти (5) лет профессионального опыта работы в сфере СМИ, связей с общественностью и реализации PR-стратегий в области/секторах здравоохранения и/или образования;

• Отличные навыки письма и общения, подтвержденные несколькими статьями, опубликованными кандидатом;

• Опыт и знание коммуникационных платформ, таких как социальные сети, печатные СМИ, телевидение и радиоканалы;

• Навыки и опыт в подготовке, координации и организации PR - компаний, медиапланировании, налаживании отношений с общественностью, решении критических социальных вопросов, эффективном консультировании общественности, подтвержденные перечнем этих видов деятельности кандидата;

• Креативность и навыки межличностного общения будут преимуществом;

• Компьютерные навыки (весь пакет Microsoft), умение работать с различными веб-сайтами, а также некоторые знания в области веб-дизайна, фотографии и видеосъемки;

• Свободное владение таджикским и русским языками; знание английского языка является преимуществом.

**https://cloud.mail.ru/public/Mjjn/ajYmK6f3T**

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

• Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя Директора Проекта Маджиди Ю. Х. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует и краткое обоснование его/ее квалификации на эту должность;

• Подписанное и датированное резюме (CV) на русском или таджикском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

• Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

• Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

**Крайний срок подачи документов – 17 ноября 2023г.**

Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу: **734025, Республика Таджикистан, ул. Шероз - 35, 7 этаж, Душанбе (Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ), E-Mail: jobs.info@ecdp.tj, Тел: (37) 221-06-91. Главный специалист по закупкам ГРП РРД Сайфуллоев Мусо.**

На основании проверки резюме отобранные и включенные в короткий список кандидаты будут проинформированы о результатах проверки в течение 10 рабочих дней с момента окончания срока подачи документов. Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование и (если собеседование запланировано) оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

# ВНИМАНИЕ, КОНКУРС!

**Межгосударственное образовательное учреждение высшего образования «Российско-Таджикский (Славянский) Университет» объявляет конкурс на замещение вакантной должности профессорско-преподавательского состава:**

**КАФЕДРА ТУРИЗМА И СЕРВИСА**

к.н., доцент - 1 место.

Срок подачи документов на конкурс – 1 месяц со дня опубликования объявления.

Документы принимаются по адресу: **г. Душанбе, ул. Мирзо Турсун-заде - 30, РТСУ, учебно - методическое управление (каб. 108).** Справки по телефону - **(44) 600-07-19**.

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқии дорои иҷозатномаи махсуси хоҳишмандро аз рӯи **1** лот, ки аз тарафи шарики рушд, Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дастгирӣ меёбад, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Аз рӯи лоиҳаи «Сафарбаркунии ҷомеа оид ба эмгузаронии COVID – 19»:**

Лоти 1: Ташкили шароити мусоид барои гузаронидани семинари омӯзишӣ дурӯза (27-28-уми ноябри соли 2023) дар мавзӯи **«Сабақҳои омӯхташуда»** дар яке аз меҳмонхонаҳои вилояти Суғд.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқии дорои иҷозатномаи дахлдор баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд, дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ ба суроғаи шаҳри Душанбе кӯчаи У. Хайём - 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳоеро, ки нархҳои пешниҳодшуда нисбатан паст нишон дода мешаванд, ҷобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо*: то 16-уми ноябри соли 2023, соати 09⁰⁰ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.*

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати гумшудаи хатми синфи 9-ум бо силсилаи №623144 таҳти №6, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №73 (ҳоло Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3) -и ноҳияи Варзоб 12-уми июни соли 1991 ба Исмоилова Лайли Қосимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии №А01796059, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 12-уми марти соли 2019 ба Мустафоев Хамза Бозорович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансур бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи сеюми кӯчаи Аминҷон Шукӯҳӣ, хонаи 37а ба Давлатов Нурали додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи №0303329 дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 13-уми октябри соли 2022 ба ҶДММ «Ошхонаи Хушбахт» (РЯМ 6010006668) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯӣ, ки онро Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2022 ба Сафаров Иброҳим Олимович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи гумшудаи имтиҳонӣ, ки онро Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2022 ба Сафаров Иброҳим Олимович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда бо шартҳои махсус бо РЯМ № 3130026525, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба Шарипова Холнисо Курбоналиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии ҳавлидорӣ таҳти рақами инвентарии 01/653, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и ноҳияи Рӯдакӣ 24-уми декабри соли 2021 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод ба Муродалиев Тоҷиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини якумраи меросӣ таҳти №27911, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ 29-уми октябри соли 2012 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод ба Муродалиев Тоҷиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшудаи силсилаи А00256559-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 8-уми августи соли 2015 ба Саидова Шаҳноза Фурқатовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии манзили истиқоматӣ таҳти №3367, ки онро КВД «БММҒ»-и шаҳри Душанбе 21-уми июни соли 1987 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Қуштеппа-3 хонаи №109 ба Ҳакимов Ғафур додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Ошхонаи Дилшод», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0301011 бо РМА 120044806, РЯМ 1210014319 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 6-уми сентябри соли 2022 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муовини якуми сармуҳаррир Абдухолиқ МИРЗОЕВ

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 8 ноябри соли 2023, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34485 нусха*

Навбатдорони шумора Н. Низомӣ ва Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97